**Суратмаҷлиси № 59-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 5 апрели соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №23/шд тасдиқгардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи **Муллоева Нишона Сангмадовна** дар мавзуи **«Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D0504000 – Рӯзноманигорӣ (6D0504001 – Рӯзноманигорӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – Муродӣ М.Б. ва аъзои комиссияи экспертӣ – Муқимов М.А. ва Саъдуллоев Ҷ.М. сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Муллоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли

шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D0504000 – Рӯзноманигорӣ (6D0504001 – Рӯзноманигорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сардори хадамоти матбуотии Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Азизов Фирӯз Шарифович** – номзади илмҳои филологӣ, муҳаррири варзидаи идораҳои барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 15.06.2024, соати 15:00 муқаррар карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ